Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA- 018-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

Пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти зиёди дохилӣ ва хориҷӣ рӯ ба рӯ шуд. Артиши миллӣ дар ҳимояи марзҳои давлат, пешгирии ҳамлаҳо ва нигоҳ доштани тамомияти ҳудудӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар шароити ноустуворӣ ва низоъҳо дар минтақа мавҷудияти артиши қавӣ кафили амният ва субот мебошад.

Дар солҳои аввали истиқлолият, ки Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронида буд, мавҷудияти қувваҳои мусаллаҳи содиқ барои нигоҳ доштани тартибот ва ҳифзи сохти конститутсионӣ муҳим буд.

Чуночи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадашон бо хизматчиёни ҳарбӣ қайд намуданд: “Беш аз се даҳсола мешавад, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ якҷо бо ҳайати шахсии дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истиқлолу озодии давлати тоҷикон, марзу буми Ватани аҷдодӣ, амнияту суботи мамлакат ва зиндагии осудаву ороми мардуми кишварро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя карда истодаанд. Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он мебошанд”. Омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи тамоюлҳои нави рушди қонунгузорӣ, ба мисли ҷалби ҷавонон ба тариқи бастани шартнома ё дар ҳайати захираҳои сафарбарӣ адо намудани хизмати ҳарбӣ сухан ронем.

Аҳаммияти тадқиқот ба зарурати таъмини амнияти миллӣ ишора карда, таъкид мекунад, ки воситаи нигоҳдории оқилонаи артиши амалкунанда дар кишвар амният ба даст оварда мешавад. Бо риояи

қонунгузорӣ ва такмили он дар соҳаи уҳдадории ҳарбии шаҳрвандон, шумораи хоҳишмандон дар асоси ихтиёрӣ ва бо даъват барои адои хизмати ҳарбӣ зиёд карда мешавад. Ҳар қадаре масъалаҳои марбут ба таъмини артиш, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони хизмати ҳарбӣ беҳтар танзим карда шаванд, ҳамон қадар ҳимояи марзҳо ва соҳибихтиёрии ҳар як давлат ташкил карда мешавад.

Умуман, масъалаҳое, ки муаллиф дар автореферат баррасӣ намудааст, қобили қабул буда, барои рушди минбаъдаи институти мазкур заминаи мусоиди илмӣ ва ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар автореферат усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ корбурди усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба назар мерасад, ки ин ба таъмини самаранокии таҳқиқро таъмин менамояд.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар автореферат пешниҳодшуда дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузории соҳаи мазкур мусоидат мекунанд.

Автореферати Муминзода Маҳмадшариф Нозим бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалӣ, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардида сазовори баҳои мусбат мебошад.

Вале дар баробари дастовардҳо автореферат диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест. Масалан, муаллиф дар зербоби 2.4. масъалаҳои ватандӯстӣ ва таъсири он ба иҷрои уҳдадории ҳарбири баррасӣ мекунад, аммо вобаста ба ин масъала ягон пешниҳоди амалии мушаххас накардааст.

Эроде, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дорад ва натиҷаҳои он

барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Бо назардошти ин, кори Муминзода М.Н-ро ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ ва анҷомёфта баҳо дода, мавсуфросазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мешуморем.

Мазмун ва муҳтавои автореферата диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Муовини ректор оид ба илм
ва инноватсияи Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
д.и.ҳ, профессор ____________ Камолзода И.И.

Имзои И.И. Камолзода-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

Юсупова Б.

«12» 09 2024 с.

Суроға: 734019, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиева 17/6,
Email: Ilhom2005_81@mail.ru